**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ**

Матбуоти даврӣ дар ҳама марҳалаҳои ташаккулу таҳаввули ҷомеа дар баробари инъикоси воқеияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ дар ошкор намудани мушкилоту норасоиҳои рӯзгор ва ташаккули афкори ҷамъиятӣ нақши муассир гузоштааст. Дар ин раванд, публитсистикаи ҳаҷвӣ ҳамчун шакли хосси инъикоси воқеият бо истифода аз имкониятҳои танқид, киноя, тамасхур ва дигар василаҳои тасвири ҳаҷвӣ дар ифшои иллатҳои иҷтимоӣ ва рафтору кирдори номатлуби ашхоси алоҳида мавқеи муҳим пайдо кардааст. Таърихи матбуоти тоҷик низ собит месозад, ки ҳаҷв ва анвои гуногуни он дар марҳалаҳои мухталиф ба сифати воситаи таъсирбахши иҷтимоӣ истифода шуда, рӯзномаву маҷаллаҳо барои рушду такомули ин навъи публитсистика заминаи мусоид фароҳам овардаанд. Аз ин дидгоҳ, омӯзиши таҷрибаи гӯшаҳои ҳаҷвии матбуоти тоҷик, муайян намудани махсусиятҳои мундариҷавию жанрӣ, нақши онҳо дар инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ ва таъсири ин навъи эҷод ба ташаккули афкори ҷомеа аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикашиносӣ ба ҳисоб меравад. Гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») аз ҷумлаи чунин падидаҳои қобили таваҷҷуҳ буда, дар тӯли фаъолияти худ бо инъикоси масъалаҳои иҷтимоӣ, маишӣ ва ахлоқӣ дар рушди ҳаҷви публитсистии тоҷик саҳм гузоштааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» аз ҷониби Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад. Махсусан, дар шароите, ки худи диссертант вазъи имрӯзаи ҳаҷви матбуотиро то андозае бӯҳронӣ арзёбӣ менамояд, рӯ овардан ба таҷрибаи муваффақи таърихии ҳаҷвнигории матбуоти маҳаллӣ аҳаммияти назариявию амалӣ касб мекунад.

Аз омӯзиши автореферат бармеояд, ки муқаддима ва тавсифи умумии таҳқиқ тибқи талаботи корҳои диссертатсионӣ шакл гирифта, дар он мубрамӣ ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дигар ҷузъиёти зарурии таҳқиқ мушаххас шудаанд. Муаллиф барои расидан ба мақсади асосӣ шаш вазифаро муайян кардааст, ки аз омӯзиши заминаҳои зуҳури маводи ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» оғоз гардида, таҳлили мундариҷавию жанрии «Анбӯр», муайян намудани таносуби воқеият ва бадеият ва мушаххас намудани мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар нашрияро фаро мегиранд. Навгонии илмии кор, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки заминаву омилҳои пайдоиш, марҳалаҳои ташаккулу таҳаввул ва хусусиятҳои мундариҷавию жанрии маводи ин гӯша ба таври нисбатан мукаммал мавриди омӯзиши монографӣ қарор гирифтаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули публитсистикаи ҳаҷвӣ дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод»» аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якум – «Заминаҳои пайдоиши маводи ҳаҷвӣ дар «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» диссертант кӯшиш намудааст, ки

зуҳури ҳаҷвро дар ин нашрия дар заминаи умумии ташаккулу таҳаввули ҳаҷви матбуотии тоҷик мавриди омӯзиш қарор диҳад. Дар ин замина, ба таъсири анъанаҳои ҳаҷви классикиву мардумӣ, таҷрибаи маҷаллаи «Мулло Насриддин», гӯшаҳои ҳаҷвии «Тозиёна», «Гӯшмол», маҷаллаҳои «Ширинкор», «Мушфиқӣ» ва «Хорпуштак» таваҷҷуҳ шудааст. Ба ин васила, муаллиф зуҳури «Анбӯр»-ро ҳамчун падидаи тасодуфӣ арзёбӣ накарда, онро идомаи як раванди таърихии ташаккули ҳаҷви матбуотӣ нишон медиҳад.

Дар фасли дуюми боби якум – «Мавқеи публитсистикаи ҳаҷвӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи нашрия» фаъолияти ҳаҷвнигории «Ҳақиқати Ленинобод» дар иртибот ба марҳалаҳои таърихии фаъолияти рӯзнома баррасӣ гардидааст. Диссертант зимни таҳқиқ ба саҳми рӯзноманигорону адибон ишора намуда, нақши онҳоро дар ташаккули муҳити эҷодии рӯзнома ва ҳаҷви публитсистӣ арзёбӣ кардааст. Аз таҳлилҳои муаллиф бармеояд, ки таъсиси «Анбӯр» натиҷаи маҷмуи омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ буда, таҷрибаи матбуоти пешин ва махсусан, фаъолияти маҷаллаи «Хорпуштак» дар зуҳури он таъсири назаррас гузоштааст.

Боби дуюми диссертатсия «Гӯшаи ҳаҷвии «Анбӯр» ва мундариҷаи он» ном дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли якум – «Омилҳои таъсис ва ташаккули гӯшаи «Анбӯр»» таърихи пайдоиш ва раванди ташаккули ин гӯша таҳқиқ шудааст. Аз ҷумла, диссертант муайян кардааст, ки нахустин гӯшаи ҳаҷвии рӯзномаи «Пролетари Хуҷанд» бо номи «Кӯбак» ҳанӯз соли 1930 таъсис ёфта, «Анбӯр» бори аввал 11 августи соли 1955 дар «Ҳақиқати Ленинобод» ба табъ расидааст. Нуктаи ҷолиби таҳқиқ муайян намудани робитаи эҷодии «Анбӯр» бо маҷаллаи «Хорпуштак» мебошад. Муаллиф бо истифода аз муроҷиати нахустини худи «Анбӯр» нишон медиҳад, ки ин гӯша худро намояндаи «Хорпуштак» дар вилояти Ленинобод муаррифӣ намуда, аз оғоз хонандагонро ба ҳамкорӣ ва ошкор намудани камбудиҳои ҷомеа даъват кардааст.

Дар фасли дуюми боби дуюм – «Таҳлили мундариҷавии маводи гӯшаи «Анбӯр»» мавзуъ ва масъалаҳои асосии маводи гӯша таҳқиқу тасниф гардидаанд. Диссертант дар натиҷаи омӯзиши маводи солҳои гуногун муайян менамояд, ки масъалаҳои иҷтимоӣ, маишӣ ва ахлоқӣ дар мундариҷаи «Анбӯр» мавқеи асосӣ доштаанд. Таҳлили маводи гӯша нишон медиҳад, ки мушкилоти хизматрасонӣ, савдо, нақлиёт, таъмини аҳолӣ, муносибати мансабдорон бо мардум, ҳаннотӣ, фиребгарӣ ва дигар нуқсонҳои иҷтимоӣ пайваста мавриди танқиди ҳаҷвнигорон қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Таносуби жанрии маводди гӯшаи «Анбӯр»» низ аз ду фасл иборат аст. Дар фасли якум – «Камбудиҳои иҷтимоӣ ва мазаммати амалҳои номатлуб дар қолаби жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ» масъалаи корбурди жанрҳои гуногуни ҳаҷвӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф дар заминаи маводи фаровон нишон медиҳад, ки фелетон, памфлет, лукма, нақиза, эпиграмма ва дигар шаклҳои ҳаҷвӣ имконият додаанд, ки нуқсонҳои иҷтимоӣ ва рафтори номатлуби афрод бо сабку шеваҳои гуногун мавриди танқид қарор гиранд. Дар ин маврид, таваҷҷуҳи диссертант ба фелетон ҳамчун яке аз жанрҳои маъмули публитсистикаи ҳаҷвӣ ва муайян намудани имкониятҳои он дар фош сохтани рафтору кирдори манфӣ қобили зикр мебошад.

Дар фасли дуюми боби сеюм масъалаи таносуби воқеият ва бадеият дар маводи ҳаҷвии «Анбӯр» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки воқеият асос ва манбаи эҷоди матолиби публитсистии ҳаҷвӣ буда, тахайюл ва воситаҳои бадеӣ барои муассиртар, ҷолибтар ва нишонрастар ифода намудани ҳамин воқеият истифода мешаванд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки ҳаҷвнигорони «Анбӯр» аз киноя, пичинг, тамасхур, мазаммат ва дигар унсурҳои ҳаҷвӣ истифода намуда, воқеиятро бо тахайюли бадеӣ ба ҳам пайвастаанд. Ин ҷанбаи таҳқиқ барои муайян намудани табиати синкретии публитсистикаи ҳаҷвӣ ва робитаи воқеияту бадеият аҳаммияти махсус дорад.

Дар маҷмуъ, аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин маводи зиёди матбуотиро ҷамъоварӣ ва мавриди таҳқиқ қарор дода, кӯшиш намудааст таърихи пайдоишу ташаккул, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва таносуби жанрии гӯшаи «Анбӯр»-ро дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоии давраҳои гуногун муайян намояд. Арзиши дигари пажӯҳиш дар он аст, ки маводи як гӯшаи матбуоти вилоятӣ ҳамчун сарчашмаи таърихи журналистикаи тоҷик ба гардиши илмӣ ворид гардида, имконияти шинохти вазъи иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи муайянро фароҳам меорад. Худи диссертант низ матолиби «Анбӯр»-ро ба нуле шабоҳат медиҳад, ки дирӯзу имрӯзро бо ҳам мепайвандад ва аҳаммияти таърихии онҳо махсус таъкид мешавад.

Дар баробари дастоварди зикршуда, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонад ба баланд гардидани сатҳи илмӣ ва ҳусни таҳқиқ мусоидат намояд.

1. Дар баъзе қисматҳои автореферат, махсусан, ҳангоми баррасии заминаҳои пайдоиши ҳаҷви матбуотӣ ва таърихи «Ҳақиқати Ленинобод», ҷанбаи тавсифию таърихнигорӣ нисбат ба таҳлили масъала бартарӣ пайдо кардааст. Хуб мебуд, ки муаллиф маълумоти таърихиро мухтасар намуда, бештар ба робитаи бевоситаи он бо мавзуи асосӣ – махсусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии «Анбӯр» таваҷҷуҳ мекард.

2. Дар саҳифаи 6-и автореферат зикр мешавад, ки гӯшаи «Анбӯр» «аз солҳои 50-уми асри гузашта инҷониб нашр мешавад», дар ҳоле ки дар қисмати асосии таҳқиқ санаи мушаххаси нахустин нашри он – 11 августи соли 1955 оварда шудааст. Аз нигоҳи дақиқияти илмӣ, хуб мебуд, ки ҳангоми муаррифии таърихи гӯша аз ибтидо ҳамин санаи мушаххас истифода мешуд. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо «Анбӯр» ҳамчун «гӯша», дар ҷойҳои дигар ҳамчун «саҳифаи ҳаҷвӣ» муаррифӣ мешавад. Мушаххас намудани мақоми сохтории он ва риояи ягонагии истилоҳӣ ба манфиати кор мебуд.

3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин, шаклҳои «Анбур» ва «Анбӯр», «вижагӣ» ва «вежагӣ» ба назар мерасанд.

Эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ ва таҳрирӣ дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмуну муҳтавои автореферат, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ва интишороти муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант дар омӯзиши таърих ва таҷрибаи ҳаҷви публитсистӣ, махсусан, муайян намудани хусусиятҳои мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд») кори муайяни илмиро анҷом додааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Зайнидинӣ Муаттархон Зайнидин дар мавзуи «Махсусияти мундариҷавӣ ва жанрии гӯшаи «Анбӯр»-и нашрияи «Ҳақиқати Ленинобод» («Ҳақиқати Суғд»)» ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22 Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои филологӣ,
сармуҳаррири маҷаллаи
«Маорифи Тоҷикистон»
7 августи соли 2026 Нуралиэода Н. И.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Айзоб-106Б
Тел.: (+992) 93-849-05-05
E-mail: noilsho@mail.ru

Имзои Нуралиэода Н. И.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо ва коргузории
маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» Забирова М. Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 93-849-05-05
E-mail: maorif@mtojikiston.tj